Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

23 июли соли 2022
Шанбе
№ 58 (14863)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

Ба пешвози 31-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР СЎХ ШУКЎҲИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ҲУКМ МЕРОНАД

## Бунгоҳи тиббӣ – дар хидмати мардум

***Ҳамон рўз барои мардуми ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ҳушёри ноҳияи Сўх рўзи иду нишотро мемонд. Ҳокими ноҳия Сайидбахром Сайидмўсоев ва раҳбари сектори сеюм, сардори шуъбаи корҳои дохилии ноҳия Қосимҷон Раҳимбердиев бо як қатор мутасаддиёни идораҳои давлатӣ дар гузари ин маҳалла, воқеъ дар кўчаи “Зиё” бо мардум мулоқоти сайёр гузарониданд. Баъд аз он ки ин мулоқот ба анҷом расид ва пурсишҳои зиёд посуххои мусбат пайдо кард, дар ҳузури аҳли маҳалла маросими ифтитоҳи бунгоҳи муҷаҳҳази тиббӣ баргузор гардид.***

– Ин бунгоҳи тиббӣ минбаъд дар хидмати мардуми ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ҳушёр қарор мегирад, зеро дар сурати зарурат акнун беморone, ки дар хона муолиҷа мегиранд ва ё ба кумаки ходими тиббӣ эҳтиёҷ пайдо мекунанд, ба поликлиника рафта намеоянд. Дар ин ҷо як пизишк ва ҳамшираи шафқат рўзона ба қабули беморон машғул мешаванд, – гуфт Сайидбахром Сайидмўсоев.

Вай афзуд, ки ноҳияи Сўх дар маърази эътибори Президенти мамлакатамон қарор дорад. Корҳои ободониву навгониҳои зиёде, ки имрўзҳо дар ноҳия сурат мегиранд, маҳз бо амру ҳидояти Сарвари давлат корбаст мегарданд.

– Агар ба ноҳияи Сўх шахсоне ташриф оваранд, ки муқаддам аз он боздид кардаанд, шояд онро нашиносанд. Зеро навигариву дигаргуниҳои куллие, ки ба вуқўъ пайвастаанд, ба ҳар шаҳраку деҳот ва маҳаллаи он намои нав ва шукўҳи тоза ато кардааст. Ин ҳарфҳо ҳаргиз муҳобот наянд. Ҳамагон медонанд, ки ноҳияи мо аз минтақаҳои дурдасти кишвари паҳноварамон маҳсуб меёбад, вале агар ҳамин дурдастии онро ба ҳисоб нагирем, шояд таҳаввулоти иқтисодиву иҷтимоии чаҳор-панҷ соли охири он тарзи муқоисанашавандаро ба худ касб намудааст, – изҳор намуд бо ифтихор ҳокими ноҳия.

Тавре ки вай боз тазаккур дод, ҳамагӣ чанд моҳ муқаддам роҳҳои пасту баланд ва барои равуои одамону ҳаракати нақлиёт ноқулайи кўчаҳои “Зиё”, “Боло”, “Поён”, “Қақир”, “Шўхча” “Кунҷак”, “Адир”, “Роҳи нав”, “Маҳаллаи нав”-и ҷамоатҳои шаҳрвандони Ҳушёр, Себзор ва Қақир куллан тармим ва мумфарш гардид. Ҳоло намуди кўчаҳои зиёд хеле тағйир ёфтааст.

– Агар шабона аз ин ҷо гузоратон афтад, мебинед, ки мисли рўз равшану тобон мебошад. Барои чунин ғамхориҳои беназир ба сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев ибрози сипосу минатдорӣ мекунам, – мегўяд раиси ба тозагӣ интихобшудаи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Ҳушёр Ҷонибек Сайнимонов. – Дирўз як гурўҳ меҳмонони тоҷикистониро ба ҳудуд пазируфтем. Ташкил шудани ҳавопаймо бо хатсайри “Фарғона – Сўх – Фарғона”, ки ҳафтае панҷ маротиба ва баъзан аз он ҳам бештар парвоз мекунад ва мусофиронро интиқол медиҳад, беҳтарин навигарӣ дар панҷ соли охир барои чунин ноҳияи дурдасти мамлакати мо мебошад. Зеро, танҳо мардуми ноҳияи Сўх аз чунин имконият бархўрдор мебошанд ва аз маркази вилоят метавонанд худро тавассути ҳавопаймо ба манзил расонанд.



Дарвоқеъ, муддати дароз шаҳрвандони кишвари сеюм имкони омадан ба Сўхро надоштанд. Баъди қабули қарор аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев “Дар бораи тадбирҳои рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона дар солҳои 2020-2021” дар баробари навигариҳои зиёд маҳз парвози ҳавопаймо бо хатсайри “Фарғона – Сўх – Фарғона” ба роҳ монда шуд. Барои сохтмони аэродроми нав аз буҷаи давлат бештар аз 7 миллиард сўм харҷ карда шуд. Ҳоло ҳар шаҳрванди кишвари сеюм метавонад ба ноҳияи Сўх омада, бо ҳаёту рўзгори мардуми он ва шароитҳои фароҳам овардашуда ошно шавад.

Ҳар фарде, ки озими ноҳияи Сўх мешавад, хусусан дар моҳи гармои тобистон, баъди убури минтақаи Бургандии вилояти Боткент ва расидан ба болои ағбаи пурпечутоб ба димоғаш ҳавои тоза мезанад ва дар баробари табиати зебову ороста, пеши назари ў дарёи пурталотум, чашмаҳои мусаффо, саҳроҳои сарсабзу хуррам, боғҳои пурҳосил ҷилвагар мегарданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ТАҚДИМОТИ ЛОИҲАҲОИ СОҲАИ ТАЪМИНОТИ ОБИ ОШОМИДАНӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

***Президент Шавкат Мирзиёев 22 июл бо тақдимоти лоиҳаҳо оид ба беҳсозии таъминоти оби ошомиданӣ дар вилоятҳои Сурхондарё, Намангон ва Тошканд шинос гардид.***

Дастрасӣ ба оби ошомиданӣ дар таъмини ҳаёти солим ва босифат нақши муҳим дорад. Дар мамлакатамон ба ин масъала эътибори алоҳида дода шуда, лоиҳаҳои мақсаднок татбиқ мегарданд. Аз он ҷумла, солҳои 2017-2022 беш аз 25,3 ҳазор километр шабакаҳои обкашӣ ва беш аз 1,8 ҳазор иншооти хоҷагии об ба миқдори 12 триллион сўм сохта шуд ё худ таъмир гардид. Дар натиҷа 6,5 миллион нафар бори аввал ба таъминоти оби марказонидашуда дастрасӣ пайдо намуда, таъминоти оби ошомидании беш аз 4 миллион нафар беҳтар карда шуд. Умуман имрўз дараҷаи таъминоти мутамаркази аҳолӣ бо оби ошомиданӣ 70 фоизро ташкил медиҳад.

Стратегияи рушди солҳои 2022-2026 мақсади афзоиши фарогирии то 87 фоиз бо таъминоти оби мутамарказ ва таҷдиди низоми канализатсияи 155 маркази ноҳияро чун мақсад дар пеши худ гузоштааст. Қисме аз ин корҳо лоиҳаҳое мебошанд, ки дар вилоятҳои Сурхондарё, Намангон, Тошканд ба нақша гирифта шудаанд.

Беҳуда нест, ки ин минтақаҳо дар маркази эътибор қарор гирифтанд. Ҳамин тариқ, дар ноҳияҳои Чуст, Поп, Намангон ва Музработ таъминот бо оби ошомиданӣ 50 фоизро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар ноҳияҳо кам аст. Шабакаҳои мавҷудаи таъминоти об куҳна шудааст. Беморихои меъдаву рўда ва урологӣ бинобар дуруштии об зиёд гардида, 1,5 баробар афзудааст.

Дар шаҳрҳои Янгийўл, Ангрен, Чирчиқ, Олмалиқ ва Бекобод фарогирӣ бо шабакаҳои канализатсия ҳатто ба 60 фоиз намерасад. Ин нишондод дар ноҳияҳои Чуст ва Чиноз 3 фоизро ташкил намуда, дар ноҳияи Мингбулоқ чунин шабака умуман вуҷуд надорад. Ҳамзамон солҳои охир дар ин ноҳия ва шаҳрҳо бисёр иморатҳои иқоматӣ сохта шуда, миқдори аҳолӣ афзудааст.

Зимни тақдимот шахсони масъул дар бораи лоиҳаҳои мазкур маълумот доданд.

Ба нақша гирифта шудааст, ки лоиҳаҳо дар ноҳияи Музработи вилояти Сурхондарё, 4 ноҳияи вилояти Намангон, 7 шаҳр ва ноҳияи вилояти Тошканд бо фарогирии умумии 1,2 миллион нафар ба амал татбиқ карда шаванд. Дар доираи ин лоиҳаҳо 660 километр шабакаи оби ошомиданӣ ва ганда кашида шуда, 4 иншооти обгирӣ, 7 стансияи тозакунии об, 12 иншооти тозакунии обҳои ганда сохта шуданд. Аз он ҷумла, 590 ҳазор нафар аҳолӣ бори аввал ба хидмати таъминоти оби ошомиданӣ ва канализатсия дастрасӣ пайдо мекунад, дастрасии 595 ҳазор нафар ба оби ошомиданӣ беҳтар мегардад.

Ҷанбаҳои техникиву иқтисодии лоиҳаҳоро муҳокима намуда, Президент ба он эътибор дод, ки оё барои ин манбаъҳои об кифоя аст ё не. Ў ногузирии дар лоиҳаҳо пешбинӣ намудани дастрасиро ба захираҳои об дар ҳаҷме, ки ҳадди ақалл барои 30 сол кифоя аст, таъкид кард.

Инчунин тавсияҳо дар заминаи арзон намудани сохтмон дода шуданд. Аз он ҷумла, ба имконоти кам кардани харҷ ба 10 фоиз бо роҳи хариди 80 фоизи масолеҳ аз истеҳсолгарони маҳаллӣ ишора гардид.

Боз як масъалаи муҳим таъмини бозгаштани маблағи харҷгардида мебошад. Дар бисёр маҳалҳо ворид гардидани пардохт барои истеъмоли оби ошомиданӣ нокифоя аст. Қарзи дебиторӣ дар вилоятҳои Намангон, Сурхондарё ва Тошканд ба 210 миллиард сўм расидааст. Бинобар ин супурда шуд, ки таҷҳизоти сарфакунандаи энергия истифода гардида, харҷ ва талаф ҳангоми нақли об кам карда шавад. Аҳамияти рақамисозии тамоми ҷараёнҳо, таъмини ворид гардидани пардохт дар ҳоле, ки дар басти маҳаллаҳо кор бурда мешавад, таъкид гардид.

**ЎзА.**

***Дар шаҳри Самарқанд Конгресси VI байналмилалии Ҷамъияти умумиҷаҳонии “Мероси фарҳангии Ўзбекистон – асоси эҳёи нав” ба кори худ шурўъ намуд. Дар он роҳбарони осорхонаву китобхонаҳои маъруфи ҷаҳон ва олимони шинохта аз Австрия, Италия, Британияи Кабир, Ҳиндустон, Русия, Тоҷикистон, Исроил, Малайзия, Маҷористон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Туркманистон, Муғулистон ва кишварҳои дигар бо маърўзаҳои пурмуҳтаво ширкат мекунанд.***

# МЕРОСИ МАДАНИИ ЎЗБЕКИСТОН – ДАР МЕҲВАРИ МАЪРЎЗАҲОИ КОНГРЕССИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар доираи он маросими ифтитоҳи Маркази сайёҳии “Роҳи бузурги абрешим” низ барномарезӣ шудааст, ки аз ҳодисаҳои нодири солҳои охири Ўзбекистон муаррифӣ хоҳад шуд.

Дирўз дар Қасри эҷодии ҷавонони Самарқанд таҳти унвони “Мероси фарҳангии Ўзбекистон дар маркази илми замонавӣ” конфронси илмию амалӣ ба вуқўъ пайваст, ки он низ дар чаҳорчўби ҳамин конгресс роҳандозӣ гардид.

Дар кори конфронси нахустин раиси Ҷамъияти умумиҷаҳонии “Мероси фарҳангии Ўзбекистон – асоси ренессанси нав” Фирдавс Абдухолиқов, раиси ҳайати таҳририяи лоиҳаи «Мероси фарҳангии Ўзбекистон дар маҷмўаҳои ҷаҳон» Акмал Саидов, ноиб-президенти Академияи илмҳои Ўзбекистон Баҳром Абдуҳалимов, инчунин директори генералии Маркази тадқиқотии таърих, санъат ва фарҳанги ислом Маҳмуд Эрол Қилич (Туркия) ва меҳмонони зиёд ширкат намуданд.

Дар байни маърўзаҳо бахшида ба ҳаёти фарҳангии Ўзбекистон ва лоиҳаҳои «Ҷамъияти умумиҷаҳонӣ» видеороликҳо намоиш дода шуд.

Маросими муаррифии китоби ёддоштҳо дар бораи академик, олим, бостоншиноси барҷаста Эдвард Ртвеладзе таҳти унвони “Ба хотираи Эдвард Ртвеладзе” низ баргузор гардид.

Гуфта мешавад, нашри онро узви Ҷамъияти умумиҷаҳонӣ, корманди вижаи Осорхонаи Михои Ҷопон Сергей Лаптев ба ҳозирини ин маросим муаррифӣ кардааст, ки дар таълифи он аз наздик ҳамкорӣ намудааст.

– Ин албоми суратҳои рангорангест, ки дар он суратҳои зиёди олим, инчунин очеркҳо дар бораи Ртвеладзе аъзоёни оилаи ў, рафиқон, меъморон, пизишкон, ҳуқуқшиносон, ходимони давлатӣ гирдоварӣ шудаанд. Дар маҷмўъ теъдоди муаллифон 40 нафарро ташкил мекунад. Дар китоб ёддоштҳои худи Эдвард Ртвеладзе, инчунин мақолаҳои илмии ў дар бораи яке аз бозёфтҳои асосии ҳаёти илмии олим – Александрияи Оксиана низ ҷой дода шудаанд, – мегўяд Сергей Лаптев.

Ҷои ёдоварист, ки Ртвеладзе олими барҷаста, бостоншинос, пажўҳишгар ва раиси доимии Шўрои илмии Ҷамъияти умумиҷаҳонии омўзиш, ҳифз ва оммавӣ гардонидани мероси фарҳангии Ўзбекистон буд.

Дар конгресс як гурўҳ олимони тоҷик аз шаҳрҳои Душанбеву Хуҷанд ташриф овардаанд.

– Ҳар як олими тоҷик бо ширкати худ шукўҳи ин конгрессро хоҳад афзуд. Онҳо доир ба паҳлўҳои гуногуни мероси фарҳангӣ, омўзиш ва ҳифзи он, инчунин оиди натиҷаҳои корҳои илмиву тадқиқотӣ дар ин шаҳри бостонӣ маърўза мекунанд, – мегўяд устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори улуми филология, профессор Бадриддин Мақсудов.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбирони “Овози тоҷик”.**

*Шаҳри САМАРҚАНД.*

# МОҲИЯТИ СТРАТЕГИЯИ РУШД – ЗИНДАГИИ МУНОСИБ ИХТИЁР КАРДАНИ ИНСОН

***Мақсад, маром ва муддаои асосии давлати мо аз қабул карда шудани Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 бароямон равшан: тавассути баланд бардоштани қадри инсон ва боз ҳам ривоҷ додани ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ барпо намудани давлате, ки воқеан халқпарвар мебошад.***

Баимзорасии ин ҳуҷҷати муҳими таърихиро, ки қутбнамои роҳи тараққиёти кишвари мо дар панҷ соли пешистода аст, шаш моҳ пур мешавад. Дар ин муддат бобати ба амал баровардани як қатор корҳои муҳим дар соҳаҳои гуногун қадамҳои аввалин гузошта шуданд.

Шояд ҳудуде нест, ки аз мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ холӣ бошад, вале муҳим он ки барои дар ҷои худ ҳал кардани ҳар кадом масъала масъулон ҷидду ҷаҳд менамоянд. Барои ин ваколатҳои маҳаллаҳо васеъ гардонида ва ба пурзўрсозии мустақилияти молиявии онҳо эътибор дода мешавад.

Технологиҳои замонавии коммуникатсионӣ дар ба роҳ гузоштани равобитҳо ва осон гардондани душвориҳо – муҳимтарин восита. Масалан, барои таъмини бевоситаи робита байни мақомоти давлатию маҳаллаҳо, иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ ё худ кор бо аҳолӣ дар ҷамоаҳои шаҳрвандӣ имкониятҳое мавриди истифодабариянд, ки ба ҷараёнҳои рақамноксозӣ вобастаанд. Акнун аз худи маҳалла истода ба кулли идораҳои давлатӣ муроҷиат кардан мумкин. Ё худ барои дар худи маҳалла бевосита нишон додани хидматҳои давлатию иҷтимоӣ метавон аз сохтори нави муроҷиат, ки ба ҳаёти мо ворид шудааст, истифода намуд.

Барои пеш бурдани сиёсати иҷтимоии адолатнок ва равнақ бахшидан ба капитали инсон, фикр мекунем, тараққӣ додани ду соҳа – таълим ва тандурустӣ нақши ҳалкунанда дорад. Дар Стратегияи рушд, ки қайд карда гузаштем, ба ин ду масъала эътибори алоҳида нигаронида шудааст.

Ягон касбу ҳунари аниқро соҳиб будан дар ҳаёти шахс чи қадар аҳамиятро молик аст, ба ҳамаамон маълум. Ҳоло имконият фароҳам оварда мешавад ҳар як шаҳрванд аз ҳисоби давлат ба омўзиши касбу ҳунар фаро гирифта шавад. Масъалаи машғул шудан бо сохтори касбу ҳунар ба таври пурра ба ихтиёри Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ гузаронида мешавад. Хатмкардагони мактабҳои таълими умумӣ бояд камаш як касбу ҳунарро соҳиб бошанд. Барои ин сохтори кумакрасон ба омўзиши касб ҷорӣ мегардад.

Алъон тақрибан 67 фоизи кўдакон ба муассисаҳои таълими томактабӣ ҷалб карда шуда бошанд, дараҷаи фарогирӣ дар солҳои наздик бояд 80 фоизро ташкил намояд. Ба сохтори омодагии томактабӣ ҳоло наздик 90 фоиз 6-солаҳо ҷалб шуда бошанд, то ҷамъбасти соли хониши 2024-2025 нишондиҳанда 100 фоизро ташкил хоҳад намуд. Ба нақша даромадааст, ки бештар аз 7 ҳазор ташкилотҳои нави нодавлатӣ барпо ва барои ин ба сохтори таълими томактабӣ маблағҳои сохтори хусусӣ ҷалб карда шаванд.

Як вақтҳо ба донишу таҷриба ва сифати малакаи касбии ходимони боғчаҳои бачагона эътибор дода намешуд. Дар соҳа бештар занҳое фаъолият мебурданд, ки омўзишгоҳҳои педагогӣ ё муассисаҳои тарбиявиро ба ном хатм карда, вазифаашон гўё фақат банд кардани бача, ёд додани шеъру сурудҳои забонзад буду халос. Ҳоло нисбати фаъолияти онҳо талабот ҷиддист. Тўли солҳои 2022-2026 бояд бештар аз 160 ҳазор нафар кадрҳои педагогии муассисаҳои таълими томактабӣ аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шаванд. Барои ба тарзи шаффоф амалӣ гардонидани ҷараёнҳои молиявии сохтори таълими томактабӣ шароитҳои мусоид офарида мешаванд.

Бо вуҷуди он ки ҳар сол мактабхонаҳо сохта ва биноҳои иловагии таълимӣ барпо мегарданд, мушкилоти ҷой ҳанўз пурра ҳал нагардидааст. Барои ҳамин интизор меравад дар сохтори таълими халқ тавассути ҷорӣ намудани Барномаи миллии рушди мактабҳо барилова 1,2 миллион ҷойи хонанда офарида шавад. Миқдори ҷойҳои таълимӣ то ҷамъбасти соли 2026 ба 6,4 миллион адад хоҳад расид.

Оиди рушди 217-то мактабҳои бачагонаи «Баркамол авлод» дар давоми солҳои 2022-2026 барномаҳои махсус корбаст ва татбиқ мегарданд. Фаъолияти ройгони бештар аз 100 ҳазор маҳфилҳо ба роҳ гузошта ва барои ошно сохтани бачаҳо ба дунёи санъат, бо дониш ва малакаҳо дар соҳаҳои компутер ва технологияҳои IT мусаллаҳсозии онҳо чораҳои мушаххас андешида мешаванд.

Муҳимтарин воситаи ба дониш мусаллаҳсозии насли наврас китобҳои дарсист. Вале афсўс, на ҳамаи китобҳои тадрисӣ, минҷумла, адабиётҳои таълимӣ барои мактабҳои тоҷикӣ ба талаботи рўз ҷавобгўянд. Давр тақозо дорад барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ аз нав дида баромада ва дар амал ҷорӣ карда шавад. Ба нақша даромадааст дар асоси Барномаи таълими миллӣ то соли 2026 дар 699 номгўй, аз ҷумла дар соли 2022 дар 296 номгўй китобҳои нави дарсӣ, дафтарҳои машқ, китобҳои методии таълимӣ, ҳамчунин иловаи мобилии онҳо, бо мақсади ба хонандагон омўзондани методикаҳои нав оид ба барномаи таълими миллӣ барои Платформаи такмили малакаи электронӣ то соли 2026 ҷамъ 769-то видеодарс офарида шавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# БА МАҲАЛЛА ОБ ОМАД

***Дар маҳаллаи Истиқлоли ноҳияи Косонсой муаррифии лоиҳаи гранти «Ҳамаи мо ба ҳифзи тарзи зиндагонии иҷтимоӣ ва қадри инсон масъулем»-и ҷамъияти «Ҳифзи иҷтимоӣ»-и вилояти Намангон, ки аз тарафи Бунёди ҷамъиятии дастгирии созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ўзбекистон маблағгузорӣ шудааст, баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ намояндагони Бунёди ҷамъиятии дастгирии созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ, шуъбаи вилоятии ҳаракати умумимиллии «Юксалиш», ҳокимияти ноҳия ва намояндагони дигари СFF, ки дар вилоят фаъолият мебаранд, ширкат варзиданд.

Ҷамъият барои ба амал татбиқ намудани лоиҳа ба 71 хонаводаи маҳаллаи Истиқлол, ки бо Қирғизистон ҳамсарҳад аст, ба дарозии 700 метр хати об кашид. Ва ҳамин тариқ, эҳтиёҷи аҳолӣ нисбат ба оби ошомиданӣ қонеъ гардонда шуд.

То ба истифода супурда шудани хати об ҳар як оила барои оби нўшокӣ тайи 2-3 км. масофаро тай намуда, ҳар ҳафта 100 ҳазор сўм маблағ сарф мекард.

Ҷамъият дар асоси ғояи «Барои қадри инсон» ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии шахсони ногиронӣ дошта, куҳансолон ва оилаҳои камтаъмин ва афзоиши фаровонҳолии онҳоро вазифаи асосии худ мешуморад.

Ба сифати хулоса бояд гуфт, ки ба 11 лоиҳаи иҷтимоии вилоят ба миқдори наздик ба 770 млн. сўм маблағи грант равона карда шуданд.

**Ш. ДАМИНОВА.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

## Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ДАСТГИРИИ ТАҲСИЛИ ЗАНОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ, МИЁНАИ МАХСУС ВА КАСБӢ

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои заноне, ки хоҳиши дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил карданро доранд, инчунин мусоидат намудан ба мунтазам такмил додани нерўи илмӣ ва тахассусии онҳо:

**1.** Ба эътибор гирифта шавад, ки мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 7 марти соли 2022 № ФП-87 «Дар бораи чораҳо оид ба боз ҳам суръат бахшидан ба корҳо оид ба дастгирии системавии оила ва занон» **аз соли таҳсили 2022/2023** низоми ҷудо кардани маблағи буҷети давлатӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ бо мақсади дар шароити имтиёзнок маблағгузорӣ кардани қарзҳои таълимӣ барои таҳсили занон дар ҳамаи муассисаҳои таълимии хусусӣ, хориҷӣ, давлатӣ, миёнаи махсус ва касбӣ дар шаклҳои таълими рўзона, ғоибона ва шабона дар асоси шартномаи пулакӣ ҷорӣ карда шудааст.

Муқаррар карда шавад, ки:

бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳои таълимиро **бинобар ставкаи 14 фоиз** аз ҳисоби маблағи депозит, ки Вазорати молия ҷойгир мекунад, пешниҳод менамоянд;

қисми асосии қарзи таълимӣ **дар давоми 7 сол, аз моҳи ҳафтуми** баъди расман ба охир расидани давраи таҳсили донишҷў баргардонида мешавад;

**баргардонидани фоизи қарзҳои таълимӣ** аз ҳисоби маблағи Фонди маблағгузории қарзҳои таълимии назди Вазорати молия (минбаъд – Фонд) бо роҳи пардохт ба бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад;

ҳангоми расмигардонӣ ва баргардонидани қарзи таълимӣ иштироки аъзои оилаи донишҷў ва дигар ашхоси сеюми дорои даромади доимӣ **ба сифати қарзгиранда** иҷозат дода мешавад;

барои ҷудо намудани қарзи таълимӣ ба занон аз оилаҳое, ки ба **“Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ”** дохил карда шудаанд, **гарав ва кафолат талаб карда намешавад.**

**2.** Муайян карда шавад, ки:

Фонд мувофиқи дархости бонкҳои тиҷоратӣ дар онҳо **ба андозаи 10 фоиз** барои минбаъд ҷудо кардани қарзҳои таълимӣ **аз рўйи ставкаи 14 фоиз маблағ мегузорад;**

бо мақсади аз ҷониби Фонд ҷудо намудани маблағҳои барои қарзҳои таълимӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ зарурӣ, инчунин амалӣ намудани назорат ба Фонд аз ҳисоби оптимизатсияи як воҳиди штатии Вазорати таълими томактабӣ ва як воҳиди штатӣ дар доираи воҳиди штатии Вазорати молия **ҳамагӣ 2 воҳиди штатӣ** ҷудо карда мешавад.

**3.** Девони Вазирон **дар муҳлати як моҳ** Низомнома дар бораи тартиби ҷудо кардани кредити таълимиро барои таълими занон дар муассисаҳои таълими олӣ, миёнаи махсус ва касбӣ дар асоси шартномаи пулакӣ аз ҳисоби маблағи Фонди маблағгузории қарзҳои таълимии назди Вазорати молия тасдиқ намояд.

(Давомаш дар саҳ.3).

# МОҲИЯТИ СТРАТЕГИЯИ РУШД – ЗИНДАГИИ МУНОСИБ ИХТИЁР КАРДАНИ ИНСОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Минбаъд музди меҳнати муаллимони пешқадам бо баҳисобгирии тоифаи малакавӣ ба табақаҳо ҷудо ва дар ҳамин асос баланд бардошта мешавад. Муаллим ҳаракат мекунад аз сафи пешқадамҳо ҷой гирифта ва баробари музди баланд гирифтан ба пайдо кардани эътибор дар ҳаёти ҷамъиятӣ имконият ба даст орад. Интизор меравад маоши муаллимони баландмалака давра ба давра ба эквиваленти 1000 доллари ИМА расонида шавад. Аз нав дида баромадани тартиби тоифаҳои малакадиҳӣ ба омӯзгорон низ мавриди назар аст.

Муҳимтарин вазифа дар сохтори таълим рӯз барин равшан: баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳо, дониш ва малакаи кадрҳои педагогиро ба андозаи байналхалқӣ бардоштан.

Нақшаҳои истиқболӣ дар соҳаи тандурустӣ, айни замон, қобили таваҷҷуҳ буда, ба амал татбиқ карда шудани онҳо имконият фароҳам меоварад сохтори тиббиёт дар мамлакат ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ гардад.

Бо мақсади боз ҳам хубтар ба роҳ гузоштани хидматрасонии тиббӣ ва офаридани қулайиҳо ба аҳолӣ дар ҳудудҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ кластерҳои тиббӣ ташкил карда мешаванд. Аз ҷумла, созмони ин гуна кластерҳо дар вилоятҳои Намангон, Фарғона, Сирдарё, Қашқадарё, Навоӣ, шаҳр ва вилояти Тошканд ба нақша гирифта шудааст. Дар роҳи баланд бардштани сифати хидматрасонии тиббӣ, истифодаи самаранок аз маблағҳои буҷавӣ, марказонидани хидматҳои тиббӣ, татбиқи хидматҳои суғуртавӣ дар соҳа ҳаракатҳо самара мебахшанд.

Чораҳои маҷмӯӣ оиди рушди сохтори тандурустӣ ва ба амал баровардани барномаи баландбардории иқтидори касбии ходимони тиббиёт дар солҳои 2022-2023, айни замон татбиқи стратегияи рақамисозӣ дар нигаҳдории тандурустӣ барои солҳои 2022-2026 ҷиҳати мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ бинобар баланд шудани сифати хидматрасонии тиббӣ нақши муҳим мебозанд. Сохтори хидматрасонии техникии асбобу ускунаҳои тиббӣ такмил меёбад. Тартиби истифода аз дорувор ва ашёҳои тиббӣ тағйир ёфта ва сохтори ретсепи электронӣ ҷорӣ мегардад. Бо мақсади бароҳгузории назорати онлайн бинобар риояи нархҳои дорувор сохтори иттилооти назоратӣ мукаммалӣ касб менамояд. Ҷорӣ шудани маркировкаи маҳсулоти фарматсевтӣ, айни замон, самара бахшида, сохтори дастрасгардонии дорувор ба ҳудудҳои дурдаст дар асоси механизмҳои замонавӣ такмил дода мешавад.

Баландбардории сифати хидматрасонии тиббӣ-санитарӣ, таъмини соҳа бо кадрҳои малаканок мавриди эътибор аст. Торафт такмил ёфта истодани сохтори хидматрасонии тиббӣ ба бонувон ва занҳои ҳомила, расондани кумаки тиббии баландтехнологӣ ба кӯдакон яке аз комёбиҳои соҳа дар давраи нав буда, интизор меравад солҳои наздик миқдори марказҳои перинаталии байниноҳиявӣ ба 46 адад расонда шавад. Тиббиёти хусусӣ низ аз эътибор дур намонда, саҳми он дар хидматрасонии тиббӣ ба 25 фоиз расонида мешавад. Эҳтиёҷ ва таклифоти аҳолиро ба инобат гирифта, дар солҳои 2022-2023 дар ҳудудҳои ҷудогона ташкил кардани 61-то поликлиникаҳои оилавӣ ва 215-то нуқтаҳои шифокори оилавӣ ба нақша дароварда шудааст.

Навгониҳо дар кулли соҳот, минҷумла, сохторҳои таълими халқу тандурустӣ, фикр мекунем, самараи Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 буда, қабл аз ҳама ба баланд бардоштани қадри инсон ва зиндагии муносиб ихтиёр намудани шаҳрвандони мо нигаронида шудаанд.

**М.ШОДИЕВ.**

## ХАБАРҲО

### АНҶУМАНИ МАТБУОТӢ ДАР БОЙГОНИИ МИЛЛӢ

***Бойгонии миллии Ӯзбекистон яке аз бойгониҳои пешбар дар ҷумҳурист. Дар ин ҷо бахшида ба фаъолияти нимсолаи идора ва нақшаҳои пешистода барои шашмоҳаи дувуми соли равон анҷумани матбуотӣ баргузор гардид.***

Гуфта шуд фаъолияти бойгонӣ дар ин давр дар асоси тамоюли "Барои қадри инсон" роҳандозӣ гашт.

Дар фонди Бойгонии миллӣ наздик 3 миллион воҳиди маҳфузӣ мавҷуд буда, аз онҳо 1,8 миллион ададашон маводе мебошанд, ки ба таври доимӣ нигоҳ дошта мешаванд. Наздик 5 ҳазор ҳуҷҷате, ки мавҷуд, молик ба аҳамияти давлатианд.

Дар анҷумани матбуотӣ оиди тарзи нигоҳдории мавод, кор бо ҳуҷҷатҳо, масъалаҳо вобаста ба истифода аз технологияи иттилоотӣ низ маълумот дода шуд.

Хотиррасон карданием, Бойгонии миллӣ дар пойгоҳи Бойгонии марказии давлатии ҷумҳурӣ ташкил карда шудааст.

### ПРЕСС-ТУР БА МАЙДОНҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

***Ӯзбекистон дар байни давлатҳои ИДМ оиди ҷорӣ сохтани сохтори маркировкасозии техникаи маишӣ аввалин давлат ба шумор меравад.***

Операторӣ сохтори маркировкасози рақамноки миллии "Асл белгиси" дар майдонҳои истеҳсолии ҶММ "ТЕХНОПАРК" ва нуқтаҳои савдои чаканаи техникаи маишии "МЕДИАПАРК" барои ходимони расонаҳои хабарӣ пресс-тур ташкил намуд.

Таъкид ёфт дар асоси қарори Девони Вазирон аз 2 апрели соли 2022 дар ҷумҳурӣ маркировкасозии рақамноки воситаҳои техникаи маишӣ сар шудааст. Сохтор давра ба давра ба амал ҷорӣ карда мешавад.

Назар ба маълумоти оператори сохтор, аз рӯзи саршавии маркировка бештар аз 612 ҳазор код баровварда шуда, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Алъон аз нуқтаҳои тиҷоратӣ телевизор, чангкашак, мошинҳои ҷомашӯӣ, яхдон ва дигар техникаи маиширо метавон харид кард, ки маркировка карда шудаанд.

### ҲАРАКАТИ АВТОБУСҲО БА РУСИЯ

***Равуои автобусҳои мусофиркашон байни пойтахти ҷумҳурӣ ва як қатор шаҳрҳои Русия аз нав барқарор мешаванд.***

Аз ҷумла, ҳаракати автобусҳо дар хати "Тошканд–Перм", "Тошканд–Уфа", "Тошканд–Омск" аллакай оғоз ёфтааст. Барои роҳандозӣ сохтани хати "Тошканд– Краснодар" Вазорати нақлиёти Ӯзбекистон ҳуҷҷатҳо омода ва ба Вазорати нақлиёти Русия тақдим намудааст.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

# ДАР СӮХ ШУКӮҲИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ ҲУКМ МЕРОНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Рӯзмарра дар чаҳор сектор чунин корҳои ободонӣ пиёда мешаванд. Полковники милитсия Қосимҷон Раҳимбердиев, подполковники адлия–прокурори ноҳия Садралӣ Мирзокаримов, сардори шуъбаи андози ноҳия Фаридҷон Турабоев мунтазам иҷрои корҳои барномарезишударо дар секторҳои худ назорат мекунанд ва поёни рӯз гирдиҳам омада, мавриди баррасӣ қарор медиҳем, – мегӯяд Сайидбаҳром Сайидмӯсоев.

### Азхудкунии заминҳои нав бо суръат идома дорад

Дар панҷ соли охир барои анҷоми бунёдкориҳо, сохтани манзилҳои замонавӣ, шифохона, дабистону кӯдакистонҳо як триллион сӯм ихтисос дода шудааст. Танҳо 500 миллиард сӯми он ба солҳои 2021-2022 рост меояд. Дар ин росто ба воситаи оби насосҳо барои азхудкунии ҳазорҳо гектар майдонҳои бекорхобида азму ҷазми ҷиддӣ ба кор бурда мешавад.

– Барои баровардани об ва азхудкунии заминҳои мавзеи "Қайроқ" 100 миллиард сӯм сарф карда шуд. Ҳоло бештар аз ҳазор гектар замин тавассути оби ин насосҳо обёрӣ карда мешавад. Азхудкунии мавзеи "Ҷавпая" бошад, барои ба кор таъмин шудани аъзои садҳо хонаводаи ноҳиямон мусоидат менамояд. Мо аз ҳамин тариқ ба коҳиши сафи бекорон ва фароҳам овардани ҷойҳои нави кор муваффақ мешавем, – мегӯяд Сайидбаҳром Сайидмӯсоев.



Инсон замоне ба фардо дилпурона менигарад, ки рӯзгораш осуда ва азояндаи фарзандонаш хотирҷамъ бошад. Барои ин, пеш аз ҳама, манбаи даромади доимӣ доштан, ба ибораи дигар, мувофиқи имконият ва қобилияти худ кор пайдо кардани ӯ лозим аст. Бекорӣ яке аз масъалаҳои мубрами бахши аъзами аҳолии Сӯхро ташкил мекунад. Ба ин маънӣ ба масъалаи бо кор таъмин намудани аҳолӣ диққати калон дода мешавад.

– Қариб 4 ҳазор гектар замини кӯҳсор, воқеъ дар мавзеъҳои Ҷавпая, Суратӣ, Варган ва Малбут ба тасарруфи хоҷагии ҷангали вилояти Фарғона гузашт, ки хоҷагии қишлоқ аз истифодаи он баҳраманд нашудааст ва солҳо боз ин миқдор замин аз эътибор соқит дониста мешуд. Дар айни ҳол барои барпо намудани лимӯзорҳо, рӯёндани меваю гиёҳҳои шифобахш, аз қабили лаванда, каврак, наъматак лоиҳаҳои дурнамо ба амал баровварда мешаванд, – афзуд ҳокими ноҳия.

Маълум шуд, ҳаҷми умумии имтиёз аз даромади солонаи андозе, ки соҳибкорони сӯхӣ ба хазинаи давлат мепардохтанд, 19 миллиард сӯмро ташкил мекунад. Соҳибкорон бо ин маблағ метавонанд фаъолияти худро бештару беҳтар тавсеа бахшанд ва бо истеҳсоли маҳсулот, роҳандозии ҷанбаҳои нави меҳнат барои рушду нумӯъ ва фаровониҳои мардуми ноҳия нақши худро гузоранд.

– Татбиқи шабакаҳои замонавии ирригатсионӣ ва технологияҳои сарфакунандаи об бо дастгирии ҳукумати вилояти Фарғона, идораи шуғли аҳолӣ, сарпарасти ҷавонон дар афзоиши даромад мусоидат мекунад. Мо ба шахсоне, ки дар "Дафтари оҳанин", "Дафтари занон" ва "Дафтари ҷавонон" шомил шудаанд, аз ҳисоби заминҳои азхудшуда 10 сотихӣ ҷудо карда додем, то ки гармхона ва боғҳои интенсивӣ бунёд кунанд. Онҳо сокинони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Тӯл, Қалъача, Соҳибкор, Ғазнов мебошанд, – мегӯяд сарпарасти ҷавонони ноҳия Дадахон Ҳасанов.

Гуфта мешавад, ки барои ин мавзеъ аз дарёи Сӯх то панҷ километр об гузаронида шуд, ба бештар аз ду километр шабакаи барқ интиқол ёфт. Дар киштзорҳо ҳавзҳои махсус сохта шуда, системаи обёрии қатраӣ ҷорӣ гардид. Дар вилоят қариб ҳазор оила барои бунёд кардани боғҳо ғайратмандона меҳнат мекунанд. Дар натиҷаи меҳнати онҳо бозорҳои вилоят аз намудҳои гуногуни меваву сабзавот: себ, нок, зардолу, хурмо, шафтолу, картошкаву сабзӣ, пиёзу карам, кабудиҳо ва намудҳои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ фаровон мегардад.

– Ман омӯзгор ҳастам ва ба тарбияи насли наврас машғул мебошам. Аммо азхудкунии заминҳои навро дида ғайратам ҷӯш зад ва муроҷиат кардам, ки барои гирифтани даромади иловагӣ аз ҳисоби ҳамин заминҳои нав 15 сотих ҷудо карда диҳанд. Ҳоло гармхона сохтаву бо зану фарзандон ва келину набераҳо ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул ҳастем. Аллакай меҳнатамон самари хуб ба бор меоварад ва ҷои ифтихор аст, ки мо низ дар фаровонии дастурхони мардум саҳми шоистаи худро мегузорем, – мегӯяд сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қалъача Солиҷон Ғаффоров.

— Бо маблағ ва кумаки давлат заминҳои зиёд азхуд карда мешаванд ва мояи даромади хонаводаҳои зиёд мегарданд, ки аз бекорӣ сарсон мегаштанд.

### Фароғатгоҳ ҷои дӯстдоштаи кӯдакон

Дар шафати роҳи мошингузари Ровон – Шарқобод, воқеъ дар соҳили дарёи Сӯх, бунёд ёфтани боз як иншооти бошукӯҳ барои мардуми ноҳия, хусусан кӯдакону наврасон хурсандиву шодмониҳои зиёд бахшид. Боиси қайд аст, ки одамон то бунёди бозори нави деҳқонӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва ин фароғатгоҳ заминҳои соҳили дарёро ба сифати посира истифода мебурданд ва дар он ба шоликорӣ машғул мешуданд. Бо тақозои вақту замон ин минтақаи соҳили дарёи Сӯх ба маркази бунёдкориҳои наву замонавӣ табдил ёфт.

Бо амри Президенти мамлакат, инчунин саъй ва эҳтимоми Федератсияи иттиҳодияҳои касабаи Ӯзбекистон фароғатгоҳи солимгардонии "Сӯх" дар муддати кӯтоҳтарин сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Ҳамагӣ чанд моҳ пеш дар масоҳати 5 гектар барои бунёди ин фароғатгоҳ корҳои сохтумонӣ вусъат гирифтанд. Барои сохтаву ба истифода додани он аз ҳисоби буҷаи давлат 28 миллиард сӯм ихтисос дода шуд. Ҳоло ин бинои наву замонавӣ таваҷҷуҳи ҳар як роҳгузарро ба худ ҷалб менамояд. 200 нафар кӯдакону наврасони ноҳия дар чаҳор баст дар фароғатгоҳ таътили тобистонаи худро сипарӣ мекунанд.

– Дар мамлакате, ки кӯдаконаш дар баробари таълиму тарбия ва навозиш низ фаро гирифта мешаванд, ҳамеша хандаву сурур, шодиву нишот ҳукмфармост. Дар маросими кушодашавии ин фароғатгоҳи солимгардонӣ ширкат мекардам. Ҳамон лаҳзаҳо дар вуҷудам эҳсоси ғуруру ифтихор ва шукронагӯӣ ҷӯш зада буд. Медидам, ки дар Сӯхи дурдасти ман чунин корҳои бузург ба вуқӯъ мепайванданд ва дилам мехост, ки боз дубора кӯдак шавааму худро ба оғӯши ин фароғатгоҳҳои пуршукӯҳу пурҷило занам, – мегӯяд омӯзгори бознишаста Мирзоамин Умаров.

Дар ҳақиқат, дар оғӯши табиати пурсаховату пурсафо бунёд шудани чунин як фароғатгоҳ барои мардуми ноҳияи Сӯх армуғони беҳтарин мебошад. Сабти шиори "Аълохонӣ – кори мо, пешравӣ – шиори мо!" низ баёнгари он мебошад, ки фарзандони аҳли ин диёри куҳанбунёду таърихаш дурудароз ҳамеша ба қаламу китоб ва донишу маърифат шавқи беандоза доштанду доранд.

Ногуфта намонад, ки дар ҷои фароғатгоҳи собиқ ва хеле номдори "Боғи Сангин"-и ноҳияи Сӯх, ки дар як баст садҳо нафар кӯдакону наврасонро ба оғӯш мегирифт ва онҳо тобистони хуррами худро он ҷо сипарӣ мекарданд, кайҳо асаре боқӣ намондааст. Баръакс, он ҷо иншоотҳои дигар сохта шудаву ба таъбире, ҳоло ҷои дӯстдоштаи танҳо калонсолон қарор гирифтааст. Барои ҳамин қарори давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ бобати сохтани фароғатгоҳи солимгардонии "Сӯх"-ро беҳтарин роҳи ҳалли мушкили фарзандони аҳли ин диёр арзёбӣ метавон кард.

– Ҳар сол, бо фаро расидани таътили тобистона, мо намедонистем, ки барои кӯдакон чи шароите фароҳам оварем, ки вақти онҳо хушу босамар гузарад. Танҳо 20-30 нафари онҳо дар фароғатгоҳи "Коинот"-и шаҳри Қӯқанд таътили худро сипарӣ мекарданд. Масъалаи равуо аз тариқи марзи Қирғизистон мушкилоти худро низ дошт. Барои ҳамин орзу мекардем, ки дар ноҳияамон чунин як иншоот сохта шаваду кӯдакон дар он таътили худро бофароғат гузаронанд. Ҳоло чеҳраи шоду мамнуни ин кӯдакон худ аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо бо ҳамтоёни худ таътилашонро хушу гуворо сипарӣ мекунанд, – мегӯяд мудири ин фароғатгоҳ Таваккал Эркаев.

– Водии Сӯх яке аз қадимтарин маконҳои башарият дар Осиёи Марказӣ аст, – гуфта буд роҳбари Маркази маънавияту маърифати ҷумҳурӣ Минҳоҷиддин Мирзо дар маросими ифтитоҳи ин фароғатгоҳи кӯдакон. – Вақте дар бораи ёдгориҳои асри санг сухан меравад, номҳои Чашма ва Селунғурро зикр мекунанд. Ва фарҳанги Обишир аз мӯъҷизаҳои аҷиб сухан мегӯяд. Таърихи садсола дар як хоки пурбори Фарғона, аз ҷумла Сӯх таҷассум ёфтааст, ки ҳар кӯҳу теппа, фарозиҳо, ҳатто санги он ба таърихи бостонӣ, фарҳангу маънавияти ҷовидонӣ иртибот дорад. Мо ин ҷо хирадмандии рӯҳи уламои бузург ва авлиёи азиз, нафаси ҳазрати Бобурро ҳис мекунем. Дар ёдгориҳои кӯҳнаи ин сарзамин, мисли Санги Ойина, зиёратгоҳҳои Ҳазрати Алӣ, Маҳмуди Ғазнавӣ, Пули Бобур, Мазорбува ва ғайра изи бузургон боқӣ монда, шоҳиди гузаштаи дуру дарози мост. Бовар дорам, ки имрӯз ҳар як сокини Сӯх нафаси Ӯзбекистони Навро дар ҳаёти худ, дар оилаи худ ҳис мекунад.



### Вусъати корҳои ободонӣ дар Ӯзбекистони Нав

Ноҳияи Сӯх беш аз 80 ҳазор нафар аҳолӣ дорад. Президенти мамлакат на танҳо ин 80 ҳазор, балки ба садҳо ва ҳазорон фарзандони мо, ки фардову оянда ба дунё меоянд, таваҷҷуҳ мекунад, то ки онҳо хушбахту осуда зиндагӣ кунанд. Дар доираи татбиқи қарори Сарвари давлат аз 8 августи соли 2020, ки пештар ёдоварӣ кардем, дар ин ноҳия корҳои васеъмиқёс ба анҷом расонида шуданд. 75 лоиҳаи тараққиёти саноат, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ татбиқ гардида, дар натиҷаи он 76,9 миллиард сӯм маблағҳои сармоягузорӣ азхуд карда шуд. Ин лоиҳаҳо боис гардид, ки бештар аз 2 ҳазор ҷои нави кор фароҳам оварда шавад.

– Танҳо дар ду соли охир барои беҳтар намудани шабакаҳои муҳандисию алоқа ба маблағи 236,4 миллиард сӯм корҳои сохтмону таъмир анҷом дода шуданд. 12 муассисаи таълими томактабии давлатӣ, оилавӣ ташкил карда шуд ва дар 11 муассисаи таълими томактабӣ гурӯҳҳои иловагӣ ифтитоҳ ёфтанд. Натиҷа бозгӯӣ мекунад, ки нишондиҳандаи фарогирии кӯдакон ба кӯдакистонҳо қариб ба 70 фоиз расидааст. Барои тармими мактабҳо 34 миллиард сӯм, барои сохтан ва муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои тиббӣ 27,8 миллиард сӯм, барои иншоотҳои варзишӣ 5,5 миллиард сӯм сарф карда шуд, – мегӯяд ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев.

Гуфта мешавад, дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои «Ровон», «Истиқлол», «Қалъа», «Сӯх», «Ғазнов», «Ҳушёр», «Мӯлгон», «Шарқобод», «Офтобрӯ» корҳои ободонӣ сурат гирифт ва иншоотҳои гуногун сохта шуд, ки барои беҳтар шудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ хизмат мекунанд.

– Бахт ба рӯи хатмкунандагони мактабҳои таълимоти умумӣ ва литсейҳову коллеҷҳои касбу ҳунари ноҳияи мо хандидааст. Ҷудо намудани 500 квота барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ як қадами муҳим дар роҳи рушд ва дурнамои таълим дар ноҳия мебошад. Ду сол муқаддам бо истифода аз ин квотаҳо бештар аз 500 нафар ҷавонони сӯхӣ ба донишгоҳҳову донишкадаҳои гуногун аз тариқи гранти давлатӣ дохил шуданд. Имсол низ боз давлат барои ҷавонони мо 500 квота ҷудо кардааст ва ҳар довталаб метавонад аз ин имконият фаровон истифода кунад, – мегӯяд мудири шуъбаи таълими халқи ноҳияи Сӯх Беҳрӯз Ҳусейнов.

Яке аз муаммоҳои умдаи мардуми ноҳияи Сӯх равуо ба маркази вилоят буд, ки бештар аз ду даҳсола онҳоро азият медод. Баъди ба сари қудрат расидани Шавкат Мирзиёев муносибат ба ноҳияи Сӯх, ки ҷузъи ҷудонашавандаи вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст, комилан тағйир ёфт, – мегӯяд собиқадори меҳнат Субҳиддин Шарофиддинов. – Мушкилоте, ки солҳо боз моро ба ташвиш меоварданд, зина ба зина ҳал шуда меравданд.

Президенти мамлакат ҷавонони кишварамонро бунёдкорони Ӯзбекистони Нав меҳонад. Ҳар як ҷавон бояд ин ҳарфҳои Сарвари давлатамонро дарк намояд ва донад, ки барои ояндааш худи ӯ масъул мебошад. Барои ҳамин онҳоро аз ҳар ҷониб бояд дастгирӣ намуд ва барояшон шароити мусоид фароҳам овард. Маҳз ба ҳамин ҷиҳат дар ноҳияи Сӯх таваҷҷуҳи хос сурат мегирад.

Дар ноҳия сафи онҳое, ки бо дастовардҳои худ дар соҳаҳои илму варзиш, эҷодиёти бадеӣ, соҳибкорӣ ҳамаро ба ҳайрат меоранд, сол аз сол меафзояд. Номи ҷавонони зиёде аз Сӯх, аз қабили Расулбек Давронов, Абдураҳим Қозиев, Фарҳод Исоев, Сӯҳробҷон Қориев, Насим Муҳиддинов, ки дар мусобиқоти варзишии сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ғолиб омадаанд, метавон бо ифтихор зикр кард.

– Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев барои хариди таҷҳизот ба мо 467 миллион сӯм ҷудо намуд. Ҳоло дар чанд толори муҷаҳҳаз ҷавонписарону ҷавондухтарони Сӯх дар намудҳои гуногуни варзиш тамрин мекунанд. Бидуни гранти давлатие, ки барои ҷавонони сӯхӣ ҷудо шудааст, 127 нафар варзишгарони мо дар донишгоҳҳои гуногуни кишвар таҳсил мекунанд ва дар мусобиқаҳо ширкат менамоянд. Аз ин шумор 53 нафар дар Донишгоҳи давлатии Фарғона, 47 нафар дар Донишкадаи омӯзгории Қӯқанд, 17 нафар дар Донишгоҳи тарбияи ҷисмонии Ӯзбекистон ба таҳсилоти олӣ фаро гирифта шудаанд, – мегӯяд сардори шуъбаи рушди варзиши ноҳияи Сӯх Сӯҳроб Қозиев.

Соҳибкорон имрӯз дар болоравии иқтисодиёти ноҳия фаъол ҳастанд.

Дар соли 2022 бар асоси барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Сӯх дар доираи 39 лоиҳаи сармоягузорӣ ҷалби сармояи мустақим ба маблағи 3 миллиону 400 ҳазор доллари амрикоӣ ба нақша гирифта шудааст. Сӯх то солҳои охир дар байни ноҳияҳои вилояти Фарғона мушкилтарин минтақаи таъмини оби ошомиданӣ ба ҳисоб мерафт. Интизор меравад, ки то охири соли ҷорӣ бо оби нушокӣ таъмин намудани ноҳия ба 100 фоиз мерасад. Барои иҷрои ҳамин мақсад дар назар дошта шудааст, ки 30 иншооти обӣ сохтаву аз нав таҷдид карда мешавад ва ба масофаи 274 километр шабакаи оби нӯшокӣ мехобонанд.

### Роҳҳову пиёдаравҳо равону обод мешаванд

– Дар се соли охир мо корҳои азимро ба ҷо овардем, бояд гуфт, ки дар дуним-се даҳсола нишондиҳандаи хеле баланд шумурда мешавад. Соли 2020 ба андозаи 26 километр роҳҳои дохилиро мумфарш намудем. 25 километри роҳи мошингард ва 25 километр роҳи пиёдагард мумфарш гардид ва ба ронандагону одамони шаҳраку рустоҳои зиёди ноҳиямон ҳузуру ҳаловат бахшид. 51 километр шағалпӯш карда шуд, – мегӯяд сардори идораи Роҳҳои автомобилии ноҳияи Сӯх Ҳабибҷон Мирзоев.

Ба таъкиди ӯ соли гузашта ходимони ин идора 36,2 километр роҳҳои дохилиро мумфарш, 18,4 километр роҳро шағалрезӣ кардаанд. Соли равон бошад, 7 километри роҳ мумфарш гардида, ба 8 километри роҳ симон хобонидаанд ва 4 километри роҳ шағалпӯш шудааст.

– Ҳоло боз ҳудуди 15 километр роҳҳои дохилӣ мумфаршу симон карда хоҳад шуд, – изҳор намуд Ҳабибҷон Мирзоев.

### Ба ҷои хотима

Дар паси сарҳад як гӯшаи Ватани азизи мо воқеъ гаштааст. Аммо панҷ-шаш сол пеш мардуми ноҳияи Сӯх ҳангоми убур аз тариқи гузаргоҳҳои марзие, ки ду кишварро мепайванданд, сахт азият мекашиданд. Онҳое, ки дар ҳамон солҳо ба ин ноҳия сафар кардаанд, дарди мардуми онро хеле хуб дарк менамоянд.

Хушбахтона, ба шарофати сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Президент Шавкат Мирзиёев «яххои» чандинсола об шуд. Муносибатҳои аз нав барқароргардидаи дӯстонаи ду халқи бародар ба дили сокинони Сӯх умед бахшид ва сулҳу осоиш овард. Барқарор кардани посгоҳҳои сарҳадии «Риштон» («Қайтпас»), «Тул» («Этикчӣ») байни вилояти Фарғона ва вилояти Боткенти Қирғизистон, кушода шудани роҳи Сӯх – Риштон тавассути хоки Қирғизистон як ҳодисаи фаромӯшнашаванда барои мардуми ду самти марз гардид. Имрӯз мусофирон ба ҷои он ки 80 километр роҳро тай карда, худро ба маркази вилоят расонанд, бо тай кардани роҳи нисбатан кӯтоҳи 20-25 километрӣ худро аз як марзи Ӯзбекистон ба марзи дигари он мерасонанд.

Оре, рӯзмарра дар ноҳияи Сӯх ба бунёдкориҳои нав ба нав даст мезананд. Дар ин ҷо талош ба харҷ дода мешавад, ки мардуми шаҳраку рустоҳои он аз давлату ҳукумати худ розӣ бошанд. Барои ҳамин вақте ки бо мардуми он ҳамсуҳбат мешавед, шукронагӯӣ ва изҳори миннатдории онҳоро эҳсос мекунед.

**Маъсудҷон СУЛАЙМОНОВ,**
**мухбири ӮзА.**
**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

Ба пешвози 31-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ИСЛОҲОТ ДАР МИНТАҚАҲОИ ДУРДАСТ НИЗ БА МУШОҲИДА МЕРАСАД

***Ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии кишварамон, пеш аз ҳама, ба манфиати инсон нигаронида шудааст, ки мардуми мо аз имрӯз қаноатманд бошанд ва аз ҳар ҷиҳат дар шароити бароҳат зиндагӣ кунанд. На танҳо дар марказҳо, балки дар ноҳияҳои дурдаст сари вақт ба амал бароварда шудани вазифаҳои дар ин самт муайяншуда низ кайфияти мардум ва боварии онҳоро ба ислоҳот муайян мекунад.***




Имрӯзҳо дар байни аҳолӣ талабот ба иншооти соҳаи иҷтимоӣ зиёд мегардад. Дар тӯли ин солҳо ба соҳаи маориф ва хидматрасонии тиббӣ дар ноҳияҳои дурдаст ба қадри кифоя эътибор дода намешуд, ки ин боиси аз пайроҳа баромадани кор гардид.

Солҳои охир дар раванди ислоҳоте, аз ҷониби роҳбари давлатамон татбиқ мегарданд, ба рушди хидмати тиббии аввалия, куллан ислоҳ кардани соҳаи таълим эътибори алоҳида дода мешавад. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар ноҳияҳои дурдаст ҳам муассисаҳои замонавии табобатӣ, муассисаҳои томактабӣ сохта мешаванд.



Дар ноҳияи Нуробод низ маҳз дар ин самт пешрафту дигаргуниҳо ба назар мерасанд, як қатор объектҳои нави соҳаи иҷтимоӣ, нуқтаҳои хидматрасонӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ сохта мешаванд. Шароити табиии иқлими ноҳия каме вазнин бошад ҳам, бо шарофати имкониятҳои фароҳамовардашуда шаҳрвандон саъй доранд, ки бо боварии баланд ба фардо дар ободиву пешрафти ҳудуд саҳми худро гузоранд. Инро дар он дидан мумкин аст, ки ба дигаргунсозиҳои баамаломада ва корҳои созандагӣ ташаббускорони маҳаллӣ сарбонӣ мекунанд.

Масофа аз ҳудуди Сазағони ноҳия то маркази ноҳия бештар аз 60 километр аст. Табиист, ки дар чунин масофа дар бобати расондани хизмати босифати тиббӣ ба аҳолӣ мушкилот ба амал меоянд. Аз ин рӯ, шуъбаи ҳудудии Сазағони иттиҳодияи тиббии ноҳияи Нуробод ташкил карда, дар ин ҷо ба аҳолӣ хидмати босифати тиббӣ расонда шуд. Шуъбаи ҳудудӣ соли 1959 ташкил ёфта буд ва дар ин ҷо шароити мавҷуда ба талаботи имрӯза мувофиқ набуд. Бо ташаббуси мудири қабулгоҳи халқии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар вилояти Самарқанд аз ҷониби ҳокимиятҳои вилоят ва ноҳия барои шуъбаи ҳудудӣ бинои нави конструксияи сабук сохта, ба истифода дода шуд.

– Шуъбаи ҳудудии мо ба зиёда аз 11 ҳазор нафар сокинони маҳаллаҳои Тепақул, Сарой ва Сазағон хизмат мерасонад, – мегӯяд мудири шуъбаи ҳудудии Сазағони иттиҳодияи тиббии Нуробод Абдуҷаббор Умаров. – Маҳаллаҳои ба ҳудуд наздик низ масофаи то маркази ноҳияро ба назар гирифта, ба мо муроҷиат мекунанд. Аммо то ба имрӯз имкони мувофиқи талаби онҳо расондани хидмати тиббӣ маҳдуд буд. Ҳоло дар бинои нав имконияти ба беморон дар шароити амбулаторӣ хизмат расондан фароҳам оварда шуд. Ҳамагӣ 15 кат, яъне 5 кат дар таваллудхона, 5 кат дар шуъбаи кӯдакон ва 5 кат дар шуъбаи терапияи калонсолон мавҷуд буд. Аз бинои куҳнаамон ба сифати статсионари рӯзона истифода мебарем.

Дар натиҷаи ислоҳоте, ки дар самти баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ татбиқ мегарданд, беш аз чор ҳазор сокини ҳудудҳои дурдасти маҳаллаи Ҷом имкон пайдо карданд, ки дар шароити муосир аз хидматрасонии аввалияи тиббӣ истифода баранд.

Ин маҳалла яке аз ҳудудҳои сераҳолии ҷумҳуриамон ба ҳисоб меравад. Дар Ҷом тақрибан 20 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд. Бо мақсади расонидани хидмати тиббӣ ба сокинони ҳудудҳои дурдасти маҳалла филиали «Дукур»-и бунгоҳи тиббии оилавии «Ором» таъсис дода шудааст. Ин филиал соли 1992 сохта шуда, муайян шудааст, ба 4050 нафар сокинони ҳудуд хидматрасонии аввалияи тиббию санитарӣ расонад. Солҳои охир филиал ба харобазор табдил ёфта, сокинон маҷбур шуданд, ки роҳи дурро тай намуда, ба маркази тиббии оилавии «Ором» раванд. Бо ҳамкории сарпарастони маҳаллӣ ва ҳокимияти ноҳия 200 миллион сӯм маблағ сарф гардида, дар филиал корҳои сохтмону таъмир ба анҷом расонида, он намуди зебо ба бар кард.




– Дар синни 65 ба масофаи 10-15 километр рафту омадан мушкилӣ пеш меовард, – мегуяд Улбӯсин Раҳмонова, ки дар ҳамин ҷо истиқомат мекунад. – Ташаккури зиёд ба ҳамаи онҳое, ки филиали «Дукур»-и бунгоҳи тиббии оилавии «Ором»-ро таъмир карда, шароити муносиб фароҳам овардаанд. Қорҳои бо назардошти сиҳатии аҳолии дурдаст анҷом додашуда бахайр бошад.

Бинобар маълумоти ҳокимияти ноҳия, бо назардошти пароканда ҷойгир шудани маҳаллаҳои истиқоматӣ дар маҳаллаҳои дурдасти ноҳия ба ташкили «бунгоҳҳои тиббии маҳалла» диққати махсус дода мешавад. То имрӯз дар ноҳия 25 бунгоҳи тиббии маҳалла аз конструксияҳои сабук сохта шуда, хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ба роҳ монда шудааст.

Аз ҷумла, бо мақсади фароҳам овардани қулайӣ ва расонидани хидматрасонии аввалияи тиббии босифат дар маҳаллаи Амондараи ноҳия «бунгоҳи тиббии маҳалла» кушода шуд. Дар бунгоҳи тиббии маҳалла, ки аз ҳисоби 131 миллион сӯм маблағи буҷа сохта шудааст, барои хидматрасонии босифати тиббӣ ба аҳолӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Аз ҳама муҳимаш, ба ин муассисаҳои тиббӣ мутахассисони ҷавоне, ки мактабҳои олиро хатм кардаанд, ҷалб карда мешаванд.

– Ман имсол Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқандро хатм кардам, – мегӯяд шифокори амалиёти умумии бунгоҳи тиббии маҳаллаи «Амондара» Руслан Қувондиқов. – Ҳамсарам ҳам донишгоҳро бо ман хатм кардааст. Ман аз ноҳияи Пастдарғом, ҳамсарам аз шаҳри Ҷиззах. Ҳардуи мо мақсад доштем, ки дар ноҳияҳои дурдаст кор кунем, то дар ислоҳоти пешгирифтаи Сарвари давлатамон ҷиҳати баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ саҳм гузорем. Барои мо шароити кору маишат муҳайё карда шуд. Мо аз кори саркардаамон хурсандем.

Сокинон аз дигаргуниҳои маҳаллаи Амондара қаноатманданд. Дар бинои нав якҷоя бо бунгоҳи тиббии маҳалла ҷамоати шаҳрвандони маҳалла ба кор шуруъ намуд. Пас аз анҷоми корҳои сохтмон ба маблағи 168 миллион сӯм аз ҳисоби буҷети маҳаллии вилоят толори фаъолон сохта шуда, барои раиси маҳалла, ёвари ҳоким, кумитаи занон, пешвоёни ҷавонон ва нозири профилактика шароити мусоиди корӣ фароҳам оварда шуд.

– Баъди корҳои созандагӣ маҳаллаи мо ба таври шинохтанашаванда дигар мешавад, – мегӯяд фаъоли маҳалла Эштурдӣ Раҳимов. – Аз ҷумла, ба масофаи 12 километр асфалт пӯшонда шуд. Барои бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ чоҳи артезианӣ кофта шуд. Бунгоҳи мавҷудаи тиббии деҳот пурра таъмир карда шуд. Имрӯз бунгоҳи тиббии маҳалла ва бинои маҳалла ба истифода дода шуданд. Барои дастгирии оилаҳои камтаъмин як қатор чорабиниҳо амалӣ карда мешаванд. Барои таъмини некӯаҳволии сокинони деҳот дар муддати кутоҳ ин қадар корҳо анҷом дода мешаванд, ки назир надоранд. Мо дар натиҷаи талошҳои сарвари давлатамон ва масъулини маҳаллӣ ба чунин ободӣ ноил гардидем. Акнун мо ҳамроҳи халқамон дар роҳи ҳисса гузоштан ба пешрафти кишварамон тамоми имкониятҳоро ба кор мебарем.

Бинобар маълумоти ҳокимияти ноҳия, дар ҳоли ҳозир сатҳи фарогирии кӯдакони синни томактабӣ дар ноҳия аз 68 фоиз ба 71 фоиз расонида шудааст. Имрӯз шумораи муассисаҳои таълими томактабии давлатӣ ва ғайридавлатӣ беш аз 170 ададро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи ба истифода додани муассисаи давлатии таълими томактабии 20-ум дар маҳаллаи Дӯстлик боз 60 нафар кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шуданд. Дар муассиса, ки аз ҳисоби 1 миллиарду 331 миллион сӯм маблағи буҷети маҳаллӣ бунёд шудааст, 18 нафар сокинони маҳалла бо ҷойи кор таъмин гардиданд. Хабар дода шуд, ки дар арафаи 31-умин солгарди истиқлолият дар ноҳия боз 5 муассисаи таълимии томактабӣ ба истифода дода мешавад.

**Ғолиб ҲАСАНОВ,**
**мухбири ӮзА.**
**Суратгир:**
**А.ИСРОИЛОВ (ӮзА).**

---

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ДАСТГИРИИ ТАҲСИЛИ ЗАНОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ, МИЁНАИ МАХСУС ВА КАСБӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

**4.** Вазорати молия **дар соли 2022** ба Фонд аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, қарзҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва ташкилотҳои давлатии хориҷӣ, ки барои дастгирии буҷет ҷалб карда мешаванд, баровардани вомбаргҳои байналмилалии суверен ва аз ҳисоби манбаъҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, **аз соли 2023** дар параметрҳои буҷети давлатӣ ба назар гирифтанро таъмин намояд.

**5.** Ба баъзе қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон мутобиқи замима тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

**6.** Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муддати як моҳ ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намоянд.

**7.** Ба зиммаи вазири таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус А. Х. Тошқулов ва вазири молия Т. А. Ишметов масъулияти шахсӣ барои ташкили самаранокӣ иҷрои қарори мазкур гузошта шавад.

Назорати иҷрои қарори мазкур ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳое, ки барои иҷрои он масъуланд, ба зиммаи муовини Сарвазир Ҷ. А. Қӯчқоров гузошта шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии**
**Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*18 июли соли 2022.*

---

*Мулоқот бо халқ*

## МУШКИЛОТ ҲАЛЛУ ФАСЛ МЕГАРДАНД

***Дар шаҳри Ширини вилояти Сирдарё бахшида ба омӯзиши аҳволи иҷтимоиву иқтисодӣ ва муроҷиати шаҳрвандон қабули сайёри навбатии Раёсати корҳои дохилии вилоят бо роҳбарии Шуҳрат Боронов баргузор гардид.***

Аъзои гурӯҳ ба маҳаллаҳои шаҳр сафар карда, бо сокинон мулоқот намуданд. Ҳангоми санҷиш бобати аз байн бардоштани баъзе мушкилот дар маҳалҳо чораҳо андешида, муаммоҳое, ки омӯзиши иловагиро тақозо доранд, муҳокима гардида, барои пешниҳод ба идораҳои дахлдор фиристонида шуд.

Дар чорабинӣ ба масъалаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, бо кор таъмин кардани аҳолӣ, истифодаи самаранок аз бино ва иншооти холӣ, ҳамчунин аҳволи хидматрасонии коммуналӣ ва тайёрӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон, ба низом андохтани тӯй ва тантанаҳои оилавӣ эътибори махсус дода шуд.

Вобаста ба масъалаи шуғли аҳолӣ масъулони ҳокимият ва вакилони Иттифоқи ҷавонон дар бораи ташкил шудани ҷойҳои нави кор ҳисобот доданд.

Дар чорабинӣ масъулони ҳокимият таъкид намуданд, ки тӯли 6 моҳи соли ҷорӣ 484 ҷойи нави кор фароҳам оварда шуд. Аз 395 нафар аҳолие, ки ба маркази кӯмакрасонӣ барои кор муроҷиат кардаанд, 265 нафарашон бо кор таъмин гардиданд, ба якчанд нафар бошад, барои кӯмакпулӣ таъин шудааст.

Бинобар натиҷаи омӯзише, ки аз ҷониби Раёсати корҳои дохилии вилоят баргузор гардид, беш аз 300 мушкилот ошкор шуд, ки бештари он ба соҳаҳои бо кор фарогирӣ, сектори бонк, нигаҳдории тандурустӣ, таъмири роҳҳои дохилӣ, хидматрасонии кадастрӣ, таъмини оби ошомиданӣ, гази табиӣ ва энергияи электр дахл доранд. Зиёда аз 70 мушкилоти шаҳрвандон дар ҷойи худ ҳаллу фасл шуд.

Дар назди роҳбарони сектори шаҳр вазифа гузошта шуд, ки якҷо бо ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо "харитаи амалиёт"-и мушкилоти ошкоршударо кор карда бароянд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

---

*Фармон ва иҷро*

## ИЛОҶИ ВОҚЕА ПЕШ АЗ ВУҚӮЪ...

***Яке аз офатҳои табиӣ, ки инсон дар назди он оҷиз аст, заминларза мебошад. Барои чунин ҳолати нохушро пешгирӣ кардан чӣ бояд кард?***
***Имзо гардидани Фармони Президент аз 30-юми майи соли равон «Дар бораи чораҳои минбаъд такмил додани бехавфии сейсмикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» корҳоеро, ки дар ин самт амалӣ мегарданд, ба зинаи нав хоҳад баровард.***

Мардум ҳар гоҳ аз назди бинои муҳташами 12 қабатаи маҳаллаи Ҷӯйисои ноҳияи Самарқанд гузаранд, бо ҳарос сӯйи иншооти ваҳмангез менигаристанд, ки эҳтимоли афтодан дорад.

Пас аз фармони сарвари давлат доир ба пешгирии зилзила ва оқибатҳои он нозирони шуъбаи назорати сохтмони ҳокимияти вилоят ҳолати сейсмикии иншооти мазкурро санҷида ба хулоса омаданд, ки он ба меъёрҳои муқаррарии иморатсозӣ ва техникӣ ҷавобгӯ нест ва ба истифода номувофиқ аст.

– Ҳоло дар вилояти Самарқанд 2088 хонаи бисёрқабата ҳаст ва дар байни онҳо биноҳое ҳастанд, ки корношоям шудаанд. Ана барои чӣ биноҳои то соли 1991 бунёдшуда аз 1-уми октябри соли равон аз рӯйхат мегузаранд ва ҳолати ба заминларза тобоварии онҳо аз ҷониби мутахассисон санҷида мешавад, – мегӯяд вакили идораи хидматрасонии коммуналӣ ба хонаҳои истиқоматии вилоят Дадахон Бозоров. – Дар асоси харитаи роҳ иншооти бисёрқабатаи муҳлати истифодабариашон гузашта вайрон карда мешавад ва барои сохтмони нав иҷозат медиҳем.

Инчунин, дар заминаи фармони Президент дар вилоят фаъолияти стансияҳои пуриқтидор беҳтар хоҳад шуд.

– Пештар заминларза дар фотокоғазҳо қайд шуда бошанд, акнун дар стансияҳо бо асбобҳои замонавӣ ва рақамҳои махсус навишта мешаванд, – иброз дошт сардори стансияи мониторинги сейсмопрогностики Самарқанд Шӯҳратҷон Қувватов. – Ҳамкорӣ бо дигар вилояту ҳамсоякишварҳо мустаҳкам хоҳад шуд. Масалан, чанде пеш дар Афғонистон заминларза рӯй дод, ки мо дараҷаи онро муайян кардем.

Академияи фанҳои Ӯзбекистон бо бюрои сейсмологияи Хитой шартномаи ҳамкорӣ баст. Дар асоси он мутахассисони Хитой барои тайёр кардани кадрҳо ва таъмин кардан бо асбобҳои замонавии сейсмикӣ кӯмак хоҳанд дод.

Умед аст, ки минбаъд барои пешакӣ ҷой ва вақти заминларзаро донистан имконият пайдо мешавад. Охир илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ гуфтаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

---

*Санҷиши қалам*

## ҒУРУР

*(Ҳикоя)*

Тирамоҳ. Ҳаво аброгин. Дар шохи дарахтон баргҳои башумор монда, онҳо ҳам аз шамоли тунди тирамоҳ аввал албонҷ мехӯрданду баъд рақскунон ба замин мерехтанд. Зери дарахтон гӯё кӯрпаи заррин ҳосил шуда буд. Баргҳои зардшуда ба атроф паҳн гардида, зери пойи одамон ва мошинҳои равуокунанда мемонданд.

Фариштаву додараки панҷсолааш – Шукруллоҳ дар истгоҳ автобусро интизорӣ мекашиданд. Онҳо рӯ ба рӯйи кӯдакистон қарор доштанд. Падару модарон аз дасти фарзандашон дошта, бо мошини шахсӣ ё таксӣ ба хона мерафтанд.

– Ойтӣ, мо ҳам бо таксӣ равем, хунук хӯрдам, – гуфт Шукруллоҳ.

– Сабр кун, ҳозир автобус меояд, – ҷавоб дод Фаришта ва чашм ба роҳ дӯхт.

Пас аз интизориҳои зиёд автобус омад. Вале он бошиддат аз назди интизорон гузашта рафт. Дарунаш аз бисёрии одам «кафам» мегуфт. Боз соатҳои интизорӣ давом ёфт.

Фаришта оҳе кашида, даст ба кисаи сумкааш бурд. Як дона пули панҷҳазорсӯма....

Барои он, ки ин пулро сарфа намояд, аз омӯзишгоҳ то боғчаи бачагона, ки 7–8 истгоҳ аст, пиёда омад. Ҳатто хӯроки пешин нахӯрд. Бояд боз пагоҳ додарчаашро ба боғча оварда, худ ба мактаб равад. Агар ронандагони автобус ба ҷойи 1400 сӯм 1500 сӯм намегирифтанд ё баъзан ду ҳазор сӯм диҳад, «танга нест» гӯён баҳона намекарданд, шоёд пулаш зиёдтар мешуд.

– Духтарам, шумо ҳам ба марказ меравед? – гуфт зане назди Фаришта омада.

– Ассалому алейкум. Бале, зиёда аз ду соат ин ҷо истодаам, автобус нест.

– Ба фикрам, акнун автобус намеояд, – гуфт зан. – Биёед, беҳтараш таксӣ дошта меравем. Агар ду кас равем, арзонтар мешавад. Чӣ гуфтед?

– Не, холаҷон, автобус меомадагист...

Зан ба таксӣ савор шуда рафт. Торафт ҳаво торик мешуд. Дари кӯдакистонро ҳам бастанд. Дили Фариштаро ба қавле гургон тала мекарданд. Дар хона модаркалони пираш ӯро интизор. Аз хавотирӣ борҳо ба кӯча баромадагист.

Ҳоло ӯ пушаймон аст, ки чаро ҳангоми аз хона баромадан аз касе пул напурсид. Аниқтараш, ғурураш роҳ надод, ки аз наздиконаш пул пурсад. Ҳар бегоҳ барои мактабравиаш падараш пул медод. Пагоҳиҳо, вақте тараддуди мактабравӣ мекард, мепурсид. «Духтарам, пулат ҳаст?» Гоҳо ин саволи падар ба дилаш сахт мерасид.

– Дада, бегоҳ пул додед, пулам ҳаст, – мегуфт дар ҷавоб.

– Бепул нагард, духтарам, – бо навозиш мегуфт падар. – Ҳамроҳат ҳамеша пул бошад, нағз. Даркор мешавад. Касе қарз пурсад, хиҷолат намекашӣ.

– Не, дадаҷон, ҳамеша пулам ҳаст. Ҳатто захира ҳам кардаам.

– Гурусна нагард, духтарам, – мегуфт падар, – албатта хӯроки нисфирӯзӣ хӯр. Абуалӣ Сино гуфтааст: «Хӯроки пагоҳиро худат хӯр, хӯроки нисфирӯзиро бо дӯстат тановул намо, хӯроки шомро ба душманат деҳ».

Суханони падарашро пазмон шудааст Фаришта. Ӯро одате буд, ки касе ягон ҷой рафтанӣ шавад ё кӯча баромаданӣ бошад, ҳатман мепурсид, ки пул дорад ё не. Ба амаку амакбачаҳояш ҳам меҳрубонӣ мекард.

– Амак, пул лозим не, – мегуфтанд онҳо аз рафтори падари Фаришта хиҷолат кашида.

(Давомаш дар саҳ.4).




# ДОИР БА МАСЪАЛАИ НОМГУЗОРИИ МАҚОМҲОИ «ШАШМАҚОМ»: БУЗРУК Ё БУЗУРГ?

Вақте сарчашмаҳои қарни 19, аз ҷумла «Баёзҳои «Шашмақом» ва дарсҳои танбӯри хоразмиро доир ба «Шашмақом» мавриди омӯзиш қарор медиҳем, мебинем, ки номи мақомҳо ҳама яксонанд: Рост, Бузург, Наво, Дугоҳ, Сегоҳ ва Ироқ. Вале дертар — дар оғози садаи XX дар номи мақомҳо як андак дигаргунӣ рӯй дод. Дар ин хусус бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва китобҳои чопшуда доир ба «Шашмақом» метавон натиҷагирӣ кард.

Бад-ин тариқ, муҳаққиқи шинохтаи рус, оҳангсоз В. Успенский соли 1924 бори нахуст дар таърихи мусиқии мақом мақомҳоро ба нота дароварда зери таҳрири А.Фитрат ва Н.Миронов бо номи «Шашмақом» ба дасти чоп дод. Ду ҷиҳати муҳими ин корро бояд ёдрас намуд: 1). Мусиқии «Шашмақом», ки бино ба анъанаҳои эҷодиёти шифоҳӣ ривоҷ меёфт, бори нахуст сабт гардида ва ба адвор (нота) дароварда шуд. 2). Дар ин китоб варианти «Шашмақом»-е оварда шудааст, ки аз нахустин мақомхонҳо, мисли устодони соҳа Ота Ҷалолиддин Назиров ва Ота Ғиёс Абдуғаниев — онҳое, ки дар зинаи аввали ташаккулёбии «Шашмақом» қарор доштаанд, навишта гирифта шудааст. Аз ин дидгоҳ, ба «Шашмақом»-и В.Успенский метавон чун ба нахустин сарчашма муносибат кард.

Дар баробари ин, наметавон аз ду мушкили ҷиддӣ чашм пӯшид: 1). Таассуфовар аст, ки маҳз ба сабаби тоҷикӣ-форсӣ буданашон ба ин китоб матнҳои шеърӣ оварда нашудаанд. 2). Аз чӣ сабаб бошад, ки китоб на бо хати анъанавии «Шашмақом», ки дар Бухоро форсӣ буд, балки бо хати арабиасоси уйғурӣ ба чоп омода карда шудааст. Ин мушкилот то ҷое қимати китобро паст карда, ба тағйир ёфтани номи мақомҳо замина гузоштааст.

Хати арабиасоси уйғурӣ ба нодуруст навиштан, хондан ва густариш ёфтани номи чанде аз мақомҳо оварда расонд. Дар натиҷа, аз оғози нашри ин китоб номи баъзе мақомҳо тағйир ёфт ва онҳо аз асолаташон дур шуданд. Аз ҷумла, Бузург ба Бузрук, Наво ба Ново, Сегоҳ ба Сигоҳ, Ироқ ба Ийроқ табдил ёфт. Барилова, дар алифбои кириллӣ низ номи баъзе мақомҳо тағйир ёфтанд. Мисол, Бузрук (ба забони уйғурӣ), Ирак (ба забони русӣ), Ду-го, Се-го тибқи талаффузи уйғурӣ ё дигар забонҳо омадаанд. Ин эродҳо дар назари аввал хурдагирӣ менамоянд, вале далел далел аст, дар ин китоб мақомҳо бад-ин тарз номгузорӣ шудаанд.

Табиист, ки В.Успенский номи мақомҳоро бино ба талаффузи устодони «Шашмақом» овардааст. Ин маънои онро дорад, ки ӯ номи мақомҳоро тавре ки дар он давр талаффуз карда мешуданд, ба қайд гирифтааст. Дар ин давр мақом дар марҳилаи нави рушд қарор дошт. Тавре ки мебинем, дар ин марҳилаи рушд дар «Шашмақом» тағйироти зиёде рӯй додааст. Дар навбати аввал, муносибат ба забони форсии тоҷикӣ дигар шуд, яъне ба аз даст додани мақомаш шурӯъ кард. Аз ин рӯ, китоби В.Успенский бо алифбои арабиасоси уйғурӣ ороиш ёфт. Сониян, матнҳои шеърии «Шашмақом», ки ба форсии тоҷикӣ буданд, умуман, ба китоб роҳ дода нашудаанд. Сеюм, номи мақомҳо бино ба алифбои чиғатоӣ ба тарзи дигар хондаву талаффуз карда шуданд. Вале то ин давр дар баёзҳои «Шашмақом» ва нотаҳои танбӯри хоразмӣ ин мақомҳо тибқи забони форсӣ як хел навишта мешуданд, яъне бад-ин тарз: Рост, Наво, Бузург, Дугоҳ, Сегоҳ ва Ироқ.

Пайдост, ки нотаи танбӯри хоразмӣ ба забони ӯзбекӣ бошад ҳам, он тибқи забони форсӣ ба расмият дароварда шуда буд. Дар онҳо номи мақомҳо ва истилоҳҳо, аз қабили Бузург, Наво, Сегоҳ, ҳамчунин, қисмҳои композитсионӣ, мисли бозгӯй, оҳанг, хона... дақиқ ҳифз шудаанд.

Сухан кӯтоҳ, нодуруст хондан ва талаффуз кардани номи мақомҳо аз оғози садаи XX, тавре ки дар китоби В.Успенский — «Шашмақом» ба қайд гирифта шудааст, ба мушоҳада мерасад.

Ҳамчунин, бояд илова кард, ки китоби Мулло Бекҷон — «Хоразм мусиқий таърихчаси» («Таърихи мухтасари мусиқии Хоразм») низ дар ҳамин давр (соли 1925) рӯйи чопро дидааст. Дар он низ истилоҳи Бузрук дар шакли Бузруг омадааст, ки фарқ дар як ҳарфи охирин аст. Шояд такя ба ин китоб мусаннифони китоби «Ўзбек нотаси» («Нотаи ӯзбек») ин мақомро дар шакли Бузруг хонда қабул кардаанд. Ба фикри мо, вожаи Бузруг дар ҳар ду ҳолат аз забони форсӣ нодуруст хонда шудааст. Сарфи назар аз он ки ин вожаро дар забони форсӣ Бузруг низ метавон хонд, дар ин шакл хондану талаффуз кардани он саҳеҳ нест. Ин вожа агар дар байн бо «вов» ояд, онро метавон Бузруг хонд, вале Бузург ба форсӣ бе «вов» навишта мешавад.

Олими машҳури тоҷик Садриддин Айнӣ — яке аз намояндагони зиёи он давр (охири садаи XIX ва ибтидои асри XX), ки бо анъанаҳои санъати мақом ошноии хуб дошт ва бевосита дар бисёр чорабиниҳои мақом иштирок мекард, доир ба «Шашмақом» тадқиқоти зиёд анҷом додааст. Дар як мақолаи ӯ сухан аз мақомҳо меравад, ки дар навбати аввал Рост ба забон гирифта шудааст. Ӯ дар ин навиштааш вожаи «Бузург»-ро дар шакли дуруст пешниҳод намудааст. Ин аз он далолат медиҳад, ки то давраи нашри китоби В.Успенский мақомҳо дар «Шашмақом» тартиби дигар дошта, аз мақоми Рост оғоз ёфтаанд ва Бузург ба Бузруг табдил наёфта будааст.

Тавре ки маълум аст, солҳои 1950-1967 дар Тоҷикистон аз ҷониби устодони «Шашмақом» Бобоқул Файзуллоев, Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибовҳо китоби «Шашмақом» иборат аз панҷ ҷилд, зери таҳрири профессор В.Беляев ва солҳои 1966-1975 дар Ўзбекистон аз ҷониби академик Юнус Раҷабӣ шашҷилдаи «Шашмақом» зери таҳрири Ф. Кароматов рӯйи чопро дид. Дар ин нашрҳо номи ҳама мақомҳо, ба ҷуз Бузург, дуруст қайд гардидаанд. Аз он ки номи мақоми Бузург дар китоби В.Успенский бино ба талаффузи уйғурӣ оварда шуда буд, дар шакли Бузрук боқӣ монд, ки бо тарзи навишт ва талаффузи забони форсӣ мутобиқат намекунад. Вожаи Бузург дар забони уйғурӣ дар шакли Бюзрюк талаффуз ва бо алифбои кириллӣ дар шакли Бузрук навишта мешавад.

Шояд ба сабаби он, ки В.Успенский, ҳангоми таълифи китоб, мақомҳоро тавре ки устодони «Шашмақом» талаффуз намудаанд, навишта гирифтааст, устодони мо вақти ба нашр омода кардани китоби «Шашмақом»-и нав пайи ислоҳи номи мақомҳо саъю кӯшиш ба харҷ надодаанд. Ин аст, ки номи яке аз мақомҳо то ҳол, бо шеваи уйғурӣ, дар шакли Бузрук навишта ва талаффуз карда мешавад. Бо назардошти ин ҳама, пешниҳод ин аст, ки номи ин мақомро мо бояд дуруст, дар шакли Бузург нависем ва талаффуз намоем.

**Абдувалӣ АБДУРАШИДОВ,**
**санъатшинос.**

## ХАНДОХАНД

### Қаҳрамонӣ

Зан аз шавҳар пурсид:

– Дадеш, шумо ҳам ягон қаҳрамонӣ карда метавонед?

Мард дар ҷавоб:

– Бо ту зиндагӣ кардан худаш қаҳрамонист.

### Меҳрубонӣ

Мард ба дӯстонаш шиква кард:

– Бе зан наметавонам, мефаҳмед! Меҳрубониву ғамхорӣ мехоҳам...

Дӯсташ:

–Зан ёб, охир!

Мард дар ҷавоб:

– Занам дар куҷо зиндагӣ мекунад?

### Шанс

Омӯзгор ба талабаҳо гуфт:

– Нафароне, ки баҳои «5» ва «4» мегиранд, ба биҳишт мераванду касе, ки баҳои «3» ва «2» мегирад, ба дӯзах меафтад.

Талабае аз қафо садо баланд кард:

– Муаллим, шанси зиндаву саломат хатм кардани мактаб вуҷуд дорад?

### Ҳаракат

Зани ҳомилае даст ба шикамаш гузошта, аз зани калонсол пурсид:

– Хола, шумо ҳаракат кардани фарзандатонро кай эҳсос карда будед?

Зан:

– Вақте ки вай ба кор даромада, зиндагии мустақилонаро оғоз намуд.

### Беҳтар

Марде аз дӯсташ пурсид:

– Ту чӣ хел?

Дӯсташ дар ҷавоб:

– Беҳтар...

Мард такрор пурсид:

– Беҳтар аз кай?

Дӯсташ:

– Беҳтараш напурс!

### Миёнарав

Пиразане набераашро дуо кард:

–Худо ба ту як шавҳари бою бадавлат диҳад!

Набера дар ҷавоб:

– Бибиҷон, дуо кунед, ки худам бой шавам...

Пиразан:

– О шавҳарат бой бошад, аз ҳисобаш хӯрда мегарди-дия.

Набера:

– Не, бибиҷон, миёни ману пул миёнарав даркор нест!

Таҳияи

**Раҳимшоҳ**
**ШАРИФЗОДА.**

## Муаллифи даҳҳо дафтари шеър



*Муаллифи даҳҳо китоби шеър – Ҷамшед аз шоирони зуллисонайни Тоҷикистон мебошад.*

*Ӯ қиссаҳо ва ҳикояҳои Нависандаи халқии Тоҷикистон Фазлиддин Муҳаммадиев, шеърҳои Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Бозор Собир, Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Зулфия Атоӣ, Раънои Зоирдухт ва дигаронро бо маҳорати ба худ хос ба забони ӯзбекӣ баргардондааст.*

*Дар навбати худ беҳтарин шеърҳои ин шоири боистеъдодро шоирони тоҷик, ба мисли Неъмати Оташ, Раънои Зоирдухт, Салими Хатлонӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кардаанд.*

*Ҷамшед узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, барандаи мукофоти ба номи Зуфархон Ҷавҳарӣ мебошад. Ӯро чанде қабл ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон пазируфтанд.*

*Мо тасмим гирифтем, ки ду шеъри мавсуфро дар тарҷумаи Неъмат Оташ ба шумо пешниҳод намоем.*

***Бахши адабиёт ва ҳунари «Овози тоҷик».***

**Ҷамшед**

### ГУФТОРАМРО БАСТАН НАБИТВОНӢ

*Агар дастам бибурӣ,*
*Бигардад сабзу дастонат бибурад.*
*Агар роҳам бибурӣ,*
*Шавад ин роҳ аз нав сабзу роҳи каҷҷи виҷдонат*
*бибурад.*
*Раҳи фикру хаёламро,*
*Ба сад монеае бастан набитвонӣ.*
*Забонам талх,*
*Ба ту бепарда мегӯям сухан,*
*То хешро бинӣ дар оина ва бишносӣ.*
*Суханҳои маро, ки обдор асту равон чун об.*
*Ба ғирболат дигар бастан набитвонӣ.*
*Равонам ман ба хешу ҳар нафас аз ман қафо монӣ,*
*Агар ки қоматамро рост гирам чун дарахти сарв*
*Ту меҷаспӣ, ки шохам бишканӣ, аммо набитвонӣ.*
*Дилам чун амр фармояд, суруди тоза мехонам,*
*Ва дардамро суруди ошиқони даҳр месозам.*
*Сурудамро, ки набзи ошиқон дар он тапиш дорад,*
*Раҳи онро, агар сад ҳилла сози ҳам,*
*Дигар бастан набитвонӣ.*
*Суханҳоям чу оташ, эҳтиёте, то насӯзӣ боз,*
*Шавӣ ногаҳ чу хокистар, пушаймонӣ надорад суд.*
*Ту гуфтори маро бастан набитвонӣ.*
*Ки ҳастӣ аз нигоҳи мардумоне нест пӯшида.*
*Фақат саг буданатро ҳеҷ кас бар ту намегӯяд.*
*Ту чашмамро,*
*Нигоҳамро дигар бастан набитвонӣ.*

### БАЛЛАДА ДАР СИТОИШИ УҚОБ

*Уқобе гиря дорад, зору маҳзун аст,*
*Нигоҳаш сӯйи гардун, сӯйи дашту кӯҳу ҳомун аст,*
*Параш гулгун,*
*Ва болаш ғарқа дар хун аст.*
*Ва он рӯзе,*
*ки рӯйи қуллае бинишаста буд ором,*
*Тавоно муштҳои қисмати шумаш,*
*Баногаҳ зарба зад бар шонаҳои ӯ.*
*Ва ӯясту дигар ин кунҷи зиндон аст*
*Ва хайли мардуми бар ӯ тамошогар.*
*Намедонад,*
*Чи сон бо макру бо ҳилла,*
*Варо бар дом бигрифтанд.*
*Ба одамҳо чаро бинмуд ӯ бовар...*
*Ва ӯву боғи ҳайвонот.*
*Уқобе гашта дастомӯз,*
*Бихоҳад пар занад, озод гардад,*
*раҳ кушояд сӯйи гардунҳо,*
*Вале охир куҷо он дар?..*
*Нигоҳи изтиробомези ӯ ҳар лаҳза мебинад,*
*Ба як сӯ серу тан бар офтобе дода чанде муш,*
*Ба як сӯ хар,*
*Ба як сӯ шери аз шерии худ музтар.*
*Миёни зотҳои паст*
*Ба ин хориву ин зорӣ*
*Чӣ сон ӯ метавонад зист?*
*Вуҷудаш мекунад исён*
*Ва худро мезанад бо хашм бар девор,*
*Сари ӯву тани ӯ мешавад хуншор.*
*Ва ин сон аз хиёнат қасд мегирад,*
*Ва худро аз табоҳӣ мекунад озод.*
*Видоъ ӯ мекунад бо зиндагӣ лекин,*
*Миёни дидагонаш ҷовидонӣ акс мебандад*
*диёри дилрабояш – кӯҳ.*

Тарҷумаи **Неъмати ОТАШ.**

(Аввалаш дар саҳ.3).

**Санҷиши қалам**

## ҒУРУР

*(Ҳикоя)*

– Ягон чиз харида меҳӯрӣ, – мегуфту ба кисаашон меандохт.

Агар рад кунанд, меранҷид. Вале худи падар дар коргоҳ ё кӯча бе оилааш чизе намехӯрд. Агар сихкабоб ё санбӯса тановул намояд, ҳатман барои аҳли оилааш меовард.

– Имрӯз ҳамроҳи дӯстам санбӯса хӯрдем. Бе шумо аз гулӯям нагузашт, – гӯён санбӯсаҳои гармро ба дасти модараш медод.

Ҳоло падар дар беморхона хобидааст. Модар дар назди ӯст. Агар падараш дар хона мебуд, намегузошт, ки фарзандонаш дар кӯча соатҳои зиёд интизори автобус бошанд. Ӯ ҳатман мошини ҳамдеҳаашонро киро карда, онҳоро ба хона мебурд. Борҳо шудааст, ки барои хидматаш ронанда пул гирифтан намехост. Вале падараш маҷбур мекард, ки пулро гирад.

– Оилаи аёлманд аст, – мегуфт падар дар ғайбаш. – Чанд нафар дастнигари ӯянд. Барака ёбад, вақти гуфтаам, моро ба ҷойи дилхоҳамон мебарад.

– Дада, шумо ба вай ҳам зиёд пул медиҳед-дия, – мегуфт баъзан Фаришта.

– Майлаш, барои рӯзгораш сарф мекунад, ба мо ҳам савобаш мерасад.

Пас аз ин агар ба меҳмонӣ ё хонаи модаркалонаш раванд, падараш аз ҳама хоҳиш мекард, ки аз мошин фароянд. Баъд ҳаққи хизмати ронандаро ба ҷузвдони мошин меандохт.

– Ойтӣ, пиёда равем, – гуфтани додаракаш ӯро аз олами хаёлот ба худ овард.

– Рафтем, – гуфта аз дасти ӯ маҳкамтар дошт.

«Чаро ҳамин фикр барвақттар ба сарам наомад», аз дил гузаронд Фаришта. Агар баробари аз кӯдакистон баромадан пиёда мерафтем, аллакай роҳи бисёрро тай менамудем.

– Ҳа, ҷиян, ба хона меравӣ?

Фаришта овози шиносро шунида ба қафо нигарист. Ҳамон ронандае, ки падараш меҳрубонӣ менамуд, мошинро назди онҳо нигоҳ дошта буд.

– Ассалому алейкум.

– Биёед, савор шавед, ман ҳам хона меравам.

– Не, амак, ҳозир мошин меояд...

– Биё, ҷиян, роҳам ҳамон тараф, илтимос, савор шаветон.

Додарчааш зуд дари мошинро кушода савор шуд. Фаришта низ ба мошин нишаст.

– Саломатии падарат хуб? – пурсид ронанда.

– Раҳмат, нағз, пагоҳ ба хона бармегаштагистанд...

Раҳораҳ андешаву фикрҳои зиёд дар сараш чарх заданд. «Ҳаққи хидмати ронандаро надодан убол аст» гуфтани падараш ба ёдаш меомад. Агар пулро ба ронанда диҳад, пагоҳ ба мактаб рафта наметавонад...

– Ба падарат саломи маро расон, ҷиян, – гуфт ронанда.

– Раҳмат, амак...

Фаришта номаълум пули панҷҳазорсӯмаро, ки дар даст сахт қапида буд, миёни ду нишастгоҳи пеш, дар паҳлӯи ронанда гузошта, аз мошин фаромад.

**Фарзона ҲАМИДОВА,**
**донишҷӯй.**



*Дар доираи Рӯзҳои маданияти Ҷопон дар Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки ба қарибӣ шуда гузашт, дар Корвонсаройи байналхалқии мадании Икуо Хираяма намоиши асарҳои бадеиву либосҳои миллӣ ва асбобу ашёҳои хоси мардуми Ҷопон барпо гардид. Ҳамчунин филмҳои бадеиву аниматсионии «Wanko» ва «Pop In Q»-и ҷопонӣ бо субтитри русӣ ба тамошобинон ҳавола шуд.*

***Аксбардор: Р. ГАЛЕЕВ.***

## САДБАРГИ СУРХ

*(Тамсил)*

Садбарги сурхро хостанд дар замине кишт кунанд, ки он ҷо ҷуворимакка парвариш мекарданд. Баробари маскани хешро дар байни макказор дидан, дасту пойи гули хушбӯю зебо суст шуда, як ҳисси навмедӣ вуҷудашро фаро гирифт. Худ ба худ ҳунгосзанон бо овози паст гиря мекарду дар худ мепечид. Медонист, ки ҷуворимаккаро ҳангоми гардолудшавӣ аст. Дар ин ҳангом ранги сурхи қирмизияшро аз даст медиҳаду ба худ як ранги нимзарду нимсурхи заъфаронӣ мегирад. Ҷуворимакка бошад, хеле аз ҳамнишини худ қаноатманд ва хурсанд буд, чун мақсади деҳқони ботаҷриба низ ҳамин буд, ки ранги сурхи гули садбарг ба донаи зарди ҷуворимакка гузарад, ба ин васила аз ҳисоби донаҳои нимзарду нимсурх бозорашро обод кунад. Бо мурури вақт ҳосили донаҳои калон-калони ҷуворимакка кам-кам бо ранги сурх омезиш ёфта, дар байни дигар ғалладонаҳо обрӯю эътибор пайдо мекард. Лекин садбарги сурх бошад ҳусну тароваташро ҳар лаҳза бой медоду баргҳои зебову алвонияш зард мешуданд. Ин талафотро ҳама медиданду касе ба ин аҳамият намедод.

Деҳқон коркарди байни ҷӯякҳоро мегузаронд, заминро нарм мекард, бехи ҳар як ҷуворимаккаро бо ғизо таъмин менамуд. Аммо ба ҳолати табоҳи садбарги сурх касе аҳамият намедод. Ҳар лаҳза марг интизораш буд. Баргҳояш мерехтанд. Аз зебоие, ки баҳор ба ӯ ҳадя карда буд, нишоне намонда буд. Садбарг худ ба худ зери лаб пичиррос мезад, ки боз баҳору шир-шири борони найсонро Яздони пок барояш бармегардонида бошад? Шарфаи пойҳои барзаговҳои ҷуфт ба гӯш мерасид. Охирин умеди гули зебо ба омоч буд, ки шояд аз решааш бардошта, ба сари ҷӯяк баровара партояд. Шояд... Ҳавои даруни ҷуворимакказор ботлоқи бадбӯеро мемонд, ки нафас кашидани кас ғайри имкон буд. Ҷуворимакка оксигенро ба худ кашида, ҳавои муҳитро заҳролуд мекард, ки табиати садбарг баръакси ин буд. Гули сурх таҳаммули як лаҳзаи ин табаддулоти табиатро надошту танҳо ба Худованд илтиҷо мекард.

– Парвардигоро, ман як гули зебою муаттар будам. Баҳори нозанин бо тамоми таровату зебоиҳояш маро дар канори хеш гирифту обу ғизоям дод. Ҷаззобтару дилангезтар шудам. Маро аз лутфу марҳамати худ бебаҳра магардон. Ту худ қодирӣ, маро аз ин бунбасти умр раҳо бикун.

– Дар ҳамин вақт воқеаи ғайричашмдошт рӯй дод. Решаи нимҷони буттаи гулро омоч канда ба сари ҷӯяк баровара монд. Деҳқон бо каландаш пеши ҷӯйчаҳоро кушода мерафту алафҳое, ки омоч баровардааст, бо нӯги белчааш ба даруни об мепартофт. Буттаи гул низ ба ҷӯйбор афтид. Дар даруни оби зулол гул хурсандӣ мекард, ташнагияшро мешикаст, гӯиё парубол мекушод. Дар ҳамин вақт дасте ба сӯйи буттаи гул дароз шуду аз ҷӯйи об берунаш овард. Дар ҳамон наздикиҳо боғе нашъунамо дошт. Даст садбарги сурхро дар боғ шинонд. Бо мурури вақт садбарг чашми ҳар бинандаро бо гулҳои сурху қирмизияш ба рабудан сар кард. Як андак монда буд, ки гул хазон гардад. Ин кори тақдир буд ё тақдирҷунбон?

**Саодат САНГИНОВА.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4716 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.